Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 005
назди Институти таърих,бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи А.Дониши
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Тақриз

**Ба автореферати диссертатсияи Абдурамонова Подшохоним Давлатамоновна дар мавзӯи «Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои 1991- 2016» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ихтисоси 07.00.02.- Таърихи ватанӣ пешниҳод карда шудааст .**

Фарҳанг дар таърихи маданияти ҳар халқу миллати ҷаҳон ҷойгоҳи махсус дошта, эҳтиром гузоштан ба он далели пойдор ва дорои тамаддуни ғани ва бойдоштани ҳар халқу миллатро тақозо менамояд.

Рисолаи мазкур, ки ба ин самти таҳқиқот бахшида шудааст кори саривақти буда, дар таҳқиқи минбадаи ин ҷанбаи ҳаёти мардуми Бадахшон ҷоми нахусте гузоштааст. Муаллиф бори нахуст маводҳои бойгонӣ, маълумоти рӯзномаву маҷаллаҳо мавриди тахқиқ қарор дода, ба омӯзиш ҳаёти фарҳангӣ, соаҳои варзиш, сайёҳӣ ва эҳёи рушди ҳунарҳои мардумии ВМКБ дар замони истиқлолият таваҷҷӯҳ намудааст.

Бояд қайд намуд, ки гарчанде паҳлуҳои алоҳидаи ҳаёти фарҳангии ВМКБ дар ин солҳо аз ҷониби бархе аз муҳаққиқон омӯхта шуда бошад ҳам, вале то кунун аз нигоҳи таърихӣ дар доираи ин мавзӯъ таҳқиқоти мушаххас сурат нагирифтааст, аз ин рӯ омӯзиши ин мавзӯъ аҳамияти зиёди илмӣ дошта, муаллиф дар таҳқиқоти он то андозае ба ҳадафҳои худ ноҳил гардидааст.

Дар автореферат актуалӣ будани мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳо, пойгоҳи сарчашмавии тадқиқотӣ ва навгонии илмӣ ба таври возеъ ва мушаххас инъикос ёфтааст. Дар таҳқиқот хусусияти хоси анъанаҳои

фарҳангии сокинони вилоят ба назар гирифта, ҳамаи ин навгониҳое, ки симои минтақаро дигаргун сохтаанд, мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки бо дастгирии Ҳукумати кишвар дар солҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон инфрасохтори иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ куллан тағйир ёфта, дар ин давра як қатор иншоотҳои соҳаи маориф ва фарҳанг бунёд шуда истодаанд, ки ба симои шаҳру деҳҳоти вилоят ҳусни тоза мебахшад.

Дар раванди таълифоти диссертант аз манобеи бойгонӣ, оморӣ, маводи васоити ахбори омма ва муҳим аз он хотираҳои шахсони алоҳида истифода намудааст ва бо назардошти ин манобеъ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ки дар наздашон гузошта шудаанд, то як андозае онҳоро иҷро намудааст.

Асосҳои назариявӣ – методологии таҳқиқот, усулҳои илмии омӯзиши таърихнигорӣ ва таърихияти мавзӯъ аз қабили мубоисаи таърихӣ масъалагузорӣ – солномавӣ, таърихӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ- таърихӣ пурра риоя гардидааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи пешниҳодшуда таҳқиқоти илмӣ ба анҷом расонида шуда ҳисоб меёбад, зеро ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии нави муаммоҳои таҳқиқшаванда ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ аст.

Дар асоси фикрҳои дар боло оварда шуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки диссертатсияи Абдурамонова Подшохоним Давлатамоновна дар мавзӯи: “Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дар солҳои 1991-2016” дар асоси талаботи илмӣ-назариявӣ ва амалии муосир анҷом ёфтааст, ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих сазовор шуморидан мумкин аст.

Номзади илмҳои таърих, дотсент
муовини ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М. Назаршоев Алимшоев М.М.
Суроға: кучаи Ш. Шоҳтемур 109, Хоруғ,
Тоҷикистон.Тел (+9923522) 2 46 98
(+992) 598 45 96
E-mail: alimshoev@list.ru

Тасдиқ мекунам имзои муаллиф
Мудири шуъбаи кадрҳои ДДХ
ба номи М. Назаршоев Шабдолов Қ